**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

Ба ҳукми дастнавис

**ШОВАЛИЕВА МУМИНА САДЫКОВНА**

# ТАЪРИХИ ФАРҲАНГИ ТАББОХИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Ихтисос: 07.00.07 – Мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология**

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои таърих

**ДУШАНБЕ – 2019**

Диссертация дар шуъбаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст

**Роҳбари илмӣ:** **Яъқубов Юсуфшо**
доктори илмҳои таърих,
академики АИ ҶТ

**Мушовири илмӣ:** **Додхудоева Лариса Назаровна,**
доктори илмҳои таърих,
профессор

**Муқарризони расмӣ:** **Иброҳимов Муродалӣ Файзалиевич**
доктори илмҳои таърих,
профессор
**Тошматов Нӯмон Эргашевич,**
номзади илмҳои таърих

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Ҳимоя рӯзи соли 2019 соати дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6DКОА-005 оид ба ҳимояи рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърихи назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо рисола дар китобхонаи илмии ба номи И. Гандии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ, 33) ва сомонаи расмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶТ (www.taj-history.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «___» __________ с. 2019 фиристода шудааст.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Ходжаева Н.**

# ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мубрам будани мавзӯи тадқиқот.** Халқи тоҷик маданияти қадима ва пурғановати таббохии худро, ки дар тӯли давраҳои таърихӣ ташаккул ёфта буд, маҳфуз медорад. Дар он расму русумҳои халқӣ, суннатҳои мардумӣ ва завқи баланди зебоипарастӣ, инчунин афзалиятҳои ҷомеа ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд.

Муҳимияти таҳқиқоти зерин дар он ифода меёбад, ки дар маҷмӯи хоси маҳсулоти хӯрокии тоҷикон, тарзи коркарди онҳо, намудҳои таомҳо, таваҷҷӯҳ ба хӯроки анъанавӣ ва худдорӣ аз он бини ташкили маросими тановул ва ҷабҳаҳои дигари маданияти таббохии тоҷикон, ки бевосита бо хӯрок вобаста аст, ва дар он хусусияти этникӣ ва маданӣ-таърихии халқ инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши фарҳанги таббохии тоҷикон масъалаи хеле муҳим буда, дар замони муосир омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи илмиро тақозо менамояд.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташвиқу тарғиби фарҳанги миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ, инчунин нигоҳ доштани мероси моддиву ғайримоддии халқамон эътибори зиёд дода шуда, соли 2018 ҳамчун соли "Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" қабул гардидааст. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо зиёиёни мамлакат санаи 19 марти соли 2018 қайд намудаанд: "Дар ин раванд, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва омодаву эҳё намудан, пешниҳод кардани беҳтарин таомҳои миилӣ дар мавзеъҳои сайёҳиву меҳмонхонаҳо, ки метавонад боиси беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ гардад, инчунин, тавсеа бахшидани маърифати экологии мардум ниҳоят зарур мебошад"[1].Бо назардошти мубран будани чунин иқдом солҳои 2019-2021 ҳамчун "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон карда шудаанд[2].

---

[1]«Мулокоти Пешвои миллат бо зиёиёни мамлакат» // Рӯзномаи «Минбари халқ» аз 20 марти соли 2018, №12 (1148).С.4.

[2] «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»//Рӯзномаи «Минбари халқ» аз 26 декабри соли 2018,№52(1189).С.6

Баъзе тафовутҳои ҷойдоштаро дар маданияти таббохии тоҷикони ноҳияҳои ҷанубӣ ва шимолӣ чунин шарҳ додан мумкин аст, ки раванди таърихи этникии халқи тоҷик дар ҳамҷавории вилоятҳои фарҳангӣ-таърихии "суғдӣ"– дар қаламрави ҳозираи шимолу ғарбии минтақаи этно-маданӣ ва "бохтарӣ" – дар қаламрави ҳозираи ҷанубу шарқии минтақаи этно-маданӣ ташаккул ёфтааст.

Рӯзгори тоҷикони кӯҳистон, асосан, ҷанбаи табиӣ дошт, вале дар навоҳии шимолӣ, дар водиҳои Фарғона ва Зарафшон, ки аз ин зиво берун буданд, ҷанбаи молӣ бартарият дошт.

Баъзе масоил оид ба услуб ва фарҳанги таббохии тоҷикони давраҳои асри миёна, асри миёнаи пасин, нав ва навтарин аз тарафи муҳаққиқони давраи тоинқилоб ва шӯравӣ кор карда шуда буд. Бахусус дар асоси маводҳои бостоншиносӣ, баъзе сарчашмаҳои хаттӣ, тасвирӣ ва мардумшиносӣ монографияи олимони таърихшинос Майтдинова Г., Негматӣ А. «Система и культура питания таджиков. (Очерки древней и средневековой истории)» ва инчунин монографияи муаллиф нашр гардидаанд[1].

Дар рисола дар баробари маълумотҳои саҳроии этнографӣ, маводҳои бостоншиносӣ ва сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ гирд оварда шудаанд, ки ин имконияти барқарор намудани таомҳои фаромушгардидашуда, маҳсулоти таббохӣ, нӯшокиҳо ва шаробҳои қадимаи тоҷиконро медиҳанд.Дар ин самт рисола мазкур нахустин тадқиқот на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар доираи Осиёи Марказӣ мебошад.

Мавҷуд набудани таҳқиқоти бунёдии илмӣ доир ба маданияти таббохии халқи тоҷик ва зарурати мутобиқати амалии он сабаби таваҷҷуҳи муаллиф ба омӯзиши масъалаи мазкур гардид.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ** Маҷмӯи иттилоот оид ба таърихи маданияти таббохии тоҷикон, маводҳои сарчашмашиносӣ, бостоншиносӣ, хаттӣ ва этнографӣ, инчунин пажӯҳишҳо доир ба масъалаҳои маданияти таббохиро дар бар мегирад.

Аввалин маълумотҳо оид ба хӯрокҳои аҷдодони халқи тоҷик –суғдиён, хоразмиён, сакоиҳо, массагетҳо, парфияниҳо дар манобеи юнонӣ-римӣ зикр ёфтаанд. Бахусус, Ҳеродот (а. V то м.)

---

[1]Майтдинова Г., Негмати А. Система и культура питания таджиков.Очерки древней и средневековой истории /Г.Майтдинова, А.Негмати.Душанбе.1993.119с.; Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа/М.Шовалиева.Душанбе:Дониш,2015.168с.

дар бораи расму оинҳои ниёгони тоҷикон, инчунин Страбон низ (а. 1 то м. – а. 1 м.) доир ба ангурпарварӣ маълумот додаанд[1]. Страбон инчунин оид ба шолипарварӣ дар Бохтар[2] ва олими энсиклопедист Гай Плиний Цецилий Секунд (а.1 м.) доир ба гандумҳои донакалон иттилоъ додаанд[3]. Аз сарчашмаҳои чинӣ Сюансзянро қайд кардан лозим аст, ки дар бораи шолипарварӣ ва гандумкорӣ дар Вахону Шуғнон хабар додааст[4]. Муаллифони арабзабон бозорҳои Бухоро, Балх, Насаф, Хоразмро ёдовар шуда, харбузаҳоро тавсиф кардаанд[5]. Бояд асарҳои Абӯалӣ ибни Сино «Ал-қонун фи-т-тиб» ва «Ар-рисолат фис-сиҳҳат» («Рисолаи беҳдошт»), ки дар онҳо бори нахуст мафҳуми мизоҷҳо ва нозукиҳои табобати беморон[6] зикр ёфтаанд, инчунин асарҳои Абӯрайҳони Берунӣ[7], Абӯфазли Байҳақӣ, девони Абӯисҳоқи Атъима[8], девони Савдо[9], Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ[10], «Махзан-ул-адвия»[11] ва чанде дигарро қайд кард.

Махсусиятҳои таббохии тоҷикон дар асарҳои сайёҳон ва низомиёни рус, ба монанди В.В. Веляминов-Зернов[12], Филипп Назаров[13], Петр Ричков[1], Н.В. Хаников[2], А.П. Хорошхин[3], Филипп Ефремов[4], Е.К. Мейендорф[5] ва дигарон зикр гаштаанд.

---

[1] Бичурин И.Н. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Т.II ,М.-Л.1950.

[2]Бичурин И.Н. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена.Т.II.С.1,8

[3] Плиний Младший. Письма Плиния Младшего:Кн.VI /Под ред. М.Е.Сергеенко, А.И.Доватур/. М.,1984.

[4]Beal S.Buddist records of the Western world.Vol.1. London, 1906.P.291-296.

[5] Путешествия Ибн Батуты. Арабский мир и Центральная Азия. ГР Энциклопедий.Т.1960.

[6]Абу Али ибн Сино / Авиценна/. Канон врачебной науки. Кн.1-Ташкент, 1981; он же. Трактат о гигиене. Избранные произведения.Ташкент,1982.

[7]Берунӣ Абӯрайҳон. Осор-ул-боқия. Душанбе, 1990.

[8]Абӯисҳоқи Аътима. Девон.

[9]Савдо. Девон. Сталинобод,1959.

[10]Возеҳ Қорӣ Раҳматулло. Кони лаззат ва хони неъмат. Бухоро.1880 – 1881

[11]Ал-Окили. Махзан-ул-адвия. // Мудрость веков. М.,1982.

[12]Вельяминов-Зернов В.В. Исторические известия о Кокандском ханстве от Мухаммада Алидо Худоерхона. / Тр. ВОРАО.Т.2.СПб.1856.

[13]Назаров Ф. Записки о некоторых народах и землях Средней части Азии. ГРВЛ.М.: Наука,1968.

Дар «Албоми Туркистонӣ», ки солҳои 70-уми а. XIX таҳия гаштааст, баъзе аксҳое оварда шудаанд, ки зиёфати тоҷиконро инъикос мекунанд[6].

Маълумот дар бораи речаи хӯрок ва таркиби таомҳои аҳолии муқимии Фарғонаи охири асри XIX аз ҷониби ҳамсарон Наливкинҳо[7] зикр шудаанд.

Масъалаҳои вобаста бо таърих ва анъанаҳои фарҳанги таббохии тоҷикон то андозае дар таҳқиқотҳои олимони ватанӣ инъикос ёфтаанд. Речаи хӯроки тоҷикони деҳаи Хистеварзи ноҳия Б.Ғафурови вилояти Суғд дар монографияи «Маданият ва зисту зиндагонии колхозчиёни тоҷик»[8] ва маълумоти умумии мухтасар дар силсилакитоби «Халқҳои ҷаҳон»[9] оварда шудаанд.

Маълумот дар бораи хӯрокҳои тоҷикони Помир ва робитаи онҳо бо дигар аҳолии минтақаҳо дар ҷилди дуюми монографияи М.С. Андреев «Тоҷикони водии Хуф»[10] оварда шудаанд. Иттилооти ҷолибро ҳамчунин оид ба таомҳои ширӣ ва маҳсулоти хӯрокии тоҷикони кӯҳистон дар мақолаи Е.М. Пешерева «Хоҷагии истеҳсоли шири тоҷикони кӯҳистон ва баъзе расму одатҳо марбути он»[11] дарёфт кардан мумкин аст.

---

[1]Рычков П. Топография Оренбургская, сочиненная Петром Рычковым. Ч.1-2.СПб.1762.

[2]Ханыков Н.В. Самарканд (рассказ очевидца). «Русский инвалид»- СПб.,1868; он же. Записки по этнографии Порсии. ГРВЛ Наука.. 1977.

[3]Хорошхин А.П. Сборник статей, касающихся до Туркестанского края. СПб,1876.

[4]Ефремов Филипп. Девятилетнее странствование. М.,1950.

[5]Мейендорфф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. ГРВЛ. М.,1975; он же. Очерки Ферганской долины. СПб. 1882.

[6]Туркестанский Альбом 1871-1872гг. Гос.пуб.библиотека им. Навои. Ташкент: РУЗ.

[7]Наливкин В., Наливкина М. Очерк быта женщин оседлого туземного населения Ферганы. Казань, 1886. С.84

[8]Ершов Н.Н., Кисляков Н.А., Пещерева Е.М., Русяйкина С.П. Культура и быт таджикского колхозного крестьянства. - М.,1954- Вып.1 /Тр. Ин-та этнографии АН СССР, Т.24. -С.156-170

[9]Народы Средней Азии и Казахстана.М.1962.Т.1.Разд.«Таджики». Подразд. «Пища».С.604-609.

[10]Андреев М.С. Таджики долины Хуф. Т.2. Сталинабад. 1958.С.236-239.

[11]Пещерева Е.М. Молочное хозяйство горных таджиков и некоторые связанные с ним обычаи // По Таджикистану.Вып.1.Ташкент.1927.С.50-51.

Хӯрокҳои тоҷикони Қаротегину Дарвоз, тартибу одоби истеъмол ва асбоби ошпазхонаи онҳо аз ҷониби Н.Н. Ершов дар монографияи «Тоҷикони Қаротегину Дарвоз» тасвир шудааст[1]. Хӯрокҳои ҳаррӯза ва маросимии мастчоҳиёни кӯҳистонро М.А. Ҳамидҷонова[2] ва таомпазии тоҷикони Варзобро Р.Л. Неменова[3] низ мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Хӯрокҳои маросими азодориии тоҷикони водии Ҳисор ва Тоҷикистони Ҷанубиро мардумшиносон А. Мардонова[4] ва Н.С. Бобоева[5], речаи ғизоҳои ширии вилояти Кӯлобро Р.М. Абдулвоҳидов[6], Н.О. Турсунов дар маводи доир ба вилояти Суғд[7], З. Мадамидҷонова хӯрокҳои арабҳои Тоҷикистони Ҷанубиро дар таҳқиқотҳои худ зикр кардаанд.[8] Баъзе муҳаққиқони дигар низ дар чорчӯбаи мақолаву рисолаҳои илмии хеш ба маданияти хӯрокҳои анъанавии тоҷикон дахл намудаанд[9].

---

[1]Ершов Н.Н. Пища. // Таджики Каратегина и Дарваза. Душанбе,1970. Вып.2. С.225-233.

[2]Хамиджанова М.А. Пища. //Материальная культура таджиков верховьев Зеравшана-Душанбе,1973. С.149.

[3]Неменова Р.Л. Таджики Варзоба.Душанбе,1998.200с.

[4]Мардонова А. Традиционные похоронно-поминальные обряды таджиков Гиссарской долины /конца XIX-начала XXвв./.Душанбе ,1998. 223с.

[5]Бабаева Н.С. Древние верования горных таджиков Южного Таджикистана в похоронно-поминальной обрядности. Душанбе,1993.103с.

[6]Абдулвахидов Р.М. Скотоводческое занятие таджиков Кулябской области в конце XIX -начале XX веков. Душанбе,1998.С.67-104.

[7]Турсунов Н.О. Истаравшан.Душанбе: Ирфон.,1992; *ҳамон*, Шаҳри офтобӣ. Душанбе:Ирфон.1989; *ҳамон*, Асосҳои этнологияи халқи тоҷик. Лекцияҳо.Хуҷанд,1993; *ҳамон*, Из истории и этнографии городов Уструшаны, Худжанда, Ферганы в эпоху Тимура и Тимуридов / Тез.межд.науч. конференции «Амир Тимур и его место в мировой истории». Т.:Узбекистон,1996. С.48-49.

[8]МадамиджановаЗ.М. Арабы Южного Таджикистана (историко-этнографические очерки). Душанбе:Дониш,1995.156с; Madamidjanova Z.M. The ethnic history of the arabans at Central Asians // Oriental Studies in the 20th century papers of CIS Scholars for the 35-icnas.Budapest, Jul. 7-12.1977.Vol.I., Moscow.1977.

[9]ЮсуфбековаЗ. Семья и семейный быт шугнанцев.М.,2015.220с.; Мадамиджанова З.М. Этнокультурный взгляд на наследие таджиков//В кн.: Центральная Азия: собственный взгляд. Бишкек,2006. С. 247-257; *ҳамон*, Фасонаҳои Наврӯзӣ. // «Ҷумҳурият»20 марта 2007г.№35(21242); *ҳамон*, Пути развития семейных традиций, обычаев и обрядов в

Аз ҷумла, А. Валиев[1] доир ба таомҳои тоҷикон дар асрҳои миёна, Г. Майтдинова ва Н. Неъматӣ[2] дар асоси омӯзиши манбаъҳои бостоншиносӣ, хаттӣ, тасвирӣ ва мардумшиносӣ баъзе таомҳои ниёгони тоҷиконро мухтасар шарҳ додаанд. Ҷуғрофияи густариши таоми миллии тоҷикон – палавро дар нимаи асри XIX сайёҳи маҷорӣ А.Вамбери[3] дар асараш қайд кардааст. Ӯ қайд кардааст, ки калимаи «палав» бо намудҳои гуногуни баёнию имлоияш баромади тоҷикӣ дорад[4]. Олими мардумшиноси туркман М.С. Бердиев, ки ба таҳқиқи ҷуғрофия ва анвои палав машғул аст, бо ақидаи А. Вамбери розӣ шуда, палавро вобаста ба тарзи пухтанаш ба 2 навъ: «ҷудопаз» ва «дампаз» ҷудо кардааст[5].

Тибқи таҳлилҳои забоншиносии ин мафҳум ӯ тасдиқ менамояд, ки ихтирои палав ба халқҳои муқимии кишоварзи минтақаи Осиёи Миёна, яъне тоҷикон тааллуқ дорад, зеро маҳз онҳо ҳамаи масолеҳи таркиби онро парвариш мекарданд.

Тавре ки маълум аст, дар доираи илми мардумшиносӣ таҳқиқоти махсус оид ба хӯрокҳои тоҷикони водии Ҳисор ва вилояти Хатлон бахшида нашудаанд. Хӯрокҳои тоҷикони Бухорову Самарқанд, Фарғона ва дигар ноҳияҳои тоҷикнишини Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Афғонистон, ба истисноии Туркманистон[6], хеле кам ва ё тамоман таҳқиқ нагаштаанд.

---

Таджикистане. //«Вестник ЦСИ».№1(16).2008г.; *ҳамон*,Таджикская свадьба. // «Вечерний Душанбе».№2.январь 2009 г.; *ҳамон*, Мифы и легенды о Наврузе у таджиков. / «События»,март 2009 г.

[1]Валиев А.Историческая этнология таджиков (XI-XVвв.).Душанбе,2009.

[2]Майтдинова Г.,Негмати А. Система и культура питания таджиков. Очерки древней и средневековой истории.Душанбе,1993.

[3]Вамбери А. Пища и напитки, которые мне случалось видеть на магометанском Востоке // Очерки жизни и нравов Востока. СПб. 1877. Ниг.: Бердиев М.С. Происхождение и распространение плова (К вопросу об этнических истоках элементов культуры) // Этническая история и традиционная культура народов Средней Азии и Казахстана. Нукус. 1989.С.231

[4]Вамбери А. Очерки Средней Азии. М.,1868; ҳамон:Пища и напитки, которые мне случалось видеть на магометанском Востоке // Очерки жизни и нравов Востока.СПб.,1877; Бердиев М.С. Происхождение и распространение плова .... С.231.

[5]Бердиев М.С. Происхождение и распространение плова ....-С.156

[6] Оид ба анъанахои таббохӣ дар мақолаи Бердиев М.С. Трансформация традиционной системы питания у туркмен в наши дни.

Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллифи рисола омӯзишу пажӯҳиши асарҳои мазкурро такмил ва ҷамъбаст намуда, дар таърихи омӯзиши хӯрокҳои анъанавии аз нигоҳи экологӣ солими тоҷикон саҳм хоҳад гузошт.

**Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.** Мақсади асосии рисола – дар асоси сарчашмаҳо ва адабиёти илмии бостоншиносӣ, хаттӣ ва этнографӣ тасвири куллии таърихи маданияти таббохии тоҷикон мебошад. Вобаста ба мақсади рисола, муаллиф дар назди худ чунин вазифаҳоро гузоштааст:

- омӯзиши манобеи хаттӣ, маводи забоншиносӣ ва этнографие, ки тоҷиконро ҳамчун халқи қадимтарини минтақаи Осиёи Марказӣ тасдиқ карда, собит менамоянд, ки тоҷикон дар тӯли таърих ба маданияти ғаллакорӣ шуғл дошта, бавуҷудорандаи бисёр таомҳо будаанд ва дар рушди маданияти таббохии анъанавии минтақа саҳми арзанда гузоштаанд;
- равшан кардани таърихи пайдоиши баъзе таомҳо ва муайян намудани хусусиятҳои санъати таббохии миллии тоҷикон дар асоси сарчашмаҳои хаттии асримиёнагӣ[1] бо муқоисаи маводи этнографӣ;
- гузаронидани таҳлили компаративӣ (муқоисавӣ) ва мушаххас кардани тавсифи умумии хӯрокҳои тоҷикони ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон;
- дар асоси маводи этнографӣ таҳлил намудани хусусият ва вежагиҳои хӯрокҳои маросимии тоҷикон.

**Асоси методологӣ ва назарии таҳқиқот** ба мафҳуми пешниҳоднамудаи С.А. Арутюнов ва Ю.М. Мкртумян – «системаи хӯрокӣ» бунёд ёфтааст, ки хӯрокҳоро на ҳамчун маҳсули таббохӣ, балки марбут ба меъёрҳои муайяни рафтор ҳангоми таҳияи хӯрокҳо ва замони истеъмол (субҳона, рӯзона, шабона), вобаста ба макону вазъият (хонагӣ, майдонӣ, ҷамъиятӣ),

---

//Сов.этнография.1985.№1.С.98; Бердиев М.С. Традиционная система питания туркмен. /Этнокультурный аспект/.М.,1990; мақола оиди пайдоиш ва паҳншавии оши палов, ки дар таҳқиқоти мо истифода бурда шудааст: Бердиев М.С. Происхождение и распространение плова...С.81.

[1]Абуисхок Аътима. Девон.Книга 1-2. Чорджу,1304х.; Мирзоев А. Абӯисҳоқ.Душанбе.1971.148с.

мансуб ба манзалат ва афзалиятнокӣ (ҳаррӯза, идона, маросимӣ) фаро мегирад[1].

**Пойгоҳи сарчашмавии тадқиқот** се навъи сарчашмаҳоро дар бар мегирад: маводи бостоншиносӣ, манобеи хаттии асримиёнагӣ, маводи этнографӣ.

1. Бозёфтҳои археологӣ собит месозанд, ки Осиёи Марказӣ яке аз марказҳои пайдоиши маданияти ғалладонагӣ (нахӯд, гандум, ҷав, наск, арзан) ба шумор меравад, зеро дар ин ҷо нақшҳои ғалладона ва хӯшаҳои гандум, ҷаву арзан, инчунин меваҳо (бодом, анҷир, нок, себ, ангур)-ро дар гил пайдо кардаанд. Дар асри биринҷӣ анвои ғизоҳои ғалладонагӣ меафзояд ва шавлаҳои гӯштдор бо гандум пайдо мешаванд, ки он ба равшани андохтани ҷараёни пайдоиши фарҳанги таббохӣ имконият медиҳад.

2. Сарчашмаҳои хаттӣ доир ба масъалаи мазкур - ин асарҳои муаллифони юнони, арабзабон, сайёҳони чинӣ, асарҳои классикии адабиёти тоҷику-форс, хотираҳо ва сафарномаҳои муаллифон ва сайёҳони рус мутобиқ ба асри Х1Х ва инчунин рисолаҳои муаллифони асрҳои Х1V – XIX, аз ҷумла, «Канз-ул-иштиҳо»-и Абӯисҳоқи Атъима ва «Кони лаззат ва хони неъмат»[2]-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухорой (1817-1894)- «Маълумотнома оиди таомҳо» маҳсуб мешаванд. Дар асари охирин муаллифи мазкур китобҳои «Қаробиддини Қодирӣ»[3], «Захираи Хоразмшоҳӣ»[4], «Туҳфат – ул - муъминин»[5], «Амал-ул-солиҳин»[6], «Қаробиддини Кабир»-и дуҷилда, «Матлаъ-ул-умум», «Иксири Аъзам»-и

---

[1]Арутюнов С.А.,Мкртумян Ю.М. Проблема классификации элементов культуры. // На примере армянской системы питания. Сов. Этнография.1981.№4.С.3-15.

[2]Мирзоев А. Абӯисҳоқ.Душанбе.,1971.148с.; Неъматзода Т. Возех. Душанбе, 1967.227с.

[3]Қаробаддини Қодирӣ – муаллиф Муҳаммад Акбари Арзонӣ, соли 1112 ҳ. (1791) таълиф шуда, дар он маълумот доир ба доруҳои мураккаб оварда шудаанд.

[4]Захираи Хоразмшохӣ – Энсиклопедияи тиб, иборат аз 10 ҷилд, ки ба асри Х11 таалуқ дорад. Муаллиф Зайниддин Абу Иброхим ал-Чурчони.

[5]Туҳфат-ул-муъминин – асари Мир Мухаммад Замони Таккобулин Дейлами. Яке аз табибони дарбори Саффавиён. Асар аз 2 ҷилд ибрат буда, доир ба тиб ва тайёр кардани доруворӣ аст.

[6]Амал–ус-солихин – маълумотномаи тиббӣ оид ба доруворӣ. Муаллифи он яке аз табиббони асри XIII Солеҳ бинни Муҳаммад бинни Солеҳ.

чорчилда, «Махзан-ул-адвия», «Тарёки имомӣ», «Ганҷи шоикон» ва «Лаззат-ул-висол» истифода шудаанд.

Маълумотҳои мазкур собит месозанд, ки оши палав ва як қатор таомҳои дигар дар давоми садсолаҳо хӯрокҳои асосии шоҳона буда, баъдтар ба таомҳои ҳаррӯзаи тоҷикони Бухоро, Самарқанд, Тошканд, Фарғона, Ӯротеппа, Хуҷанд ва дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтаанд.

3.Ҳангоми таҳқиқот муаллифи диссертатсия дар баробари адабиёти илмӣ аз маводи этнографии гирдовардаи худ оид ба тӯйи арӯсӣ, маросими дафну азодорӣ ва хӯрокҳои ҳаррӯза низ васеъ истифода бурдааст. Ин мавод дар давоми беш аз 30 сол, аз соли 1980 то 2017 ҳангоми экспедитсияҳои Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ҷамъоварӣ шудаанд.

Оиди таомҳои ҳамарӯзаи тоҷикон маводҳои этнографӣ дар деҳаҳои Яккатол , Маҳалла-Яси ва ш.Истаравшан, дар деҳаҳои Ёри, Моғиён, Миндона,Фароб,Шинг,шаҳраки Колхозчиён ва ш.Панҷакенти ноҳияи Панҷакент, дар деҳаҳои Дар-Дар,Шинг, Рарз, Саратоқ, Зерободи ноҳияи Айни ҳангоми экспедитсияи мардумшиносии Зарафшон ки солҳои 1980 ва 2014 гузаронида шуд, ҷамъ оварда шудаанд; оиди дигаргуниҳо ва тағиротҳо дар тартиб ва хурокистеъмолкунии тоҷикони кӯҳистон, ки аҳли Дарвоз, Қаротегин ва Кулоб ҳастанду айни ҳол дар водии Вахш зисту зиндагонӣ мекунанд, маводҳо дар колхози собиқ ба номи В.И.Ленини н.Кушониёни вилояти Хатлон, шаҳраки Гулистони н.Ҷалолиддини Румӣ (с.Колхозобод) ва кучаи Баҳори ш.Бохтар (с.Қурғон-Теппа);ҳангоми экспедитсия этнографии Ҳисор дар ҷамоатҳои Зимчуруд, Зиддеҳ,Куктеппаи н. Варзоб, деҳахои Нилу, Қаратоқ, Хонақои Кӯҳии н. Ҳисор ва деҳаи Чиртаки н.Турсунзода солҳои 1986 ва 2013, ки ба ғайр аз маводҳои мазкур, маълумотҳо оиди намудҳои дегдон ва навъҳои маҳсулоти хамирӣ ҷамъ оварда шудаанд;ҳангоми экспедитсияи этнографӣ ба вилояти Хатлон дар соли 1989 – ҷамоатҳои Ҷонбахт Чепивол, Насронии ноҳияи Ховалинг, собиқ «Садвинсовхоз»-и н.Восеъ ва шаҳраки Восеъ, кучаи Чармгарони Поёни ш.Кулоб; дар н. Рудакӣ ва ш .Ваҳдат; дар экспедитсияи этнографии Помири соли 2016 дар ш.Хоруғ ва ноҳияҳои Роштқалъа, аз ҷумла дар деҳаҳои Парзуч,Мидершорв,Хидорчев,Тавдем, деҳахои Зинг ва Умараки н.Калаи- Хумби ВМБК; дар ҷамоатҳои Чоркӯҳ ва Ворух ва ш.

Исфара дар соли 2017, инчунин дар байни аҳли минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, ки дар ш.Душанбе зисту зиндагони доранд, аз ҷумла аҳли Бухоро ва Самарқанд ҷамъ оварда шудаанд. Инчунин маводхо оиди путупази таоми *оши палав* аз ҳиндустониҳо ва эрониҳо низ гирд оварда шудаанд.

**Навгониҳои илмии тадқиқот** иборат аз он мебошад, ки бори нахуст:

- дар асоси маводи бостоншиносӣ, манобеи хаттии асримиёнагӣ ва этнографӣ пажӯҳиши махсус доир ба хӯрокҳои тоҷикон анҷом дода шудааст;
- маводи осори хаттӣ ва этнографӣ барои барқарор намудани таърихи таомҳои тоҷикон истифода гардидаанд;
- рисолаи «Канз-ул-иштиҳо»-и Абӯисҳоқи Аътима мавриди омӯзиш қарор гирифта, боби марбут ба оши палави он тарҷума шудааст;
- таҳлил ва муқоисаи маводи гирдовардаи худи муаллиф бо маълумоти сарчашмаҳои асримиёнагии хаттӣ, аз ҷумла, бо маводи этнографӣ ва таббохии муосири тоҷик сурат гирифтааст;
- номи таомҳо ва маҳсулоти таббохӣ аз китоби Возеҳ ба доираи илм ворид карда шудааст, ки барои системаи муосири хӯрокӣ муҳим мебошанд;
- нуқтаи назари этнографи туркман М.С. Бердиевро тасдиқ намуда, муаллиф собит кардааст, ки оши палав ихтирои тоҷикон ба шумор меравад;
- дар рисола мавод оид ба хӯрокҳои ҳаррӯза ва маросимии тоҷикон, аз ҷумла бо фарогирии маънову рамзҳои маросимӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд;
- дар асоси таҳлилу муқоисаи системаи хӯрокии тоҷикон ва халқҳои дигари Осиёи Миёна маълум шуд, ки дар натиҷаи таъсири тарафайни фарҳангӣ дар марҳилаҳои баъдии таърихи тоҷикон, таомҳои нави гӯштӣ, ғаллагӣ, хамирӣ, ширӣ ва ғайра ба вуҷуд омадаанд.

**Объекти тадқиқот** хусусиятҳои таърихӣ-этнографии таббохӣ ва хӯрокии тоҷикон ба шумор меравад.

**Мавзӯи таҳқиқот** системаи хӯрокии тоҷикон дар марҳилаи аз давраи асримиёнагӣ то рӯзгори мо мебошад.

**Чорчӯбаи хроноголоиги тадқиқот** давраи аз асри X то XXI-ро фаро гирифтааст.

**Чорчӯбаи ҷуғрофии тадқиқот** тамоми қаламрави Тоҷикистони имрӯза, инчунин марказҳои бузургтарини таърих ва

маданияти халқи тоҷики берунмарзиро (Бухоро, Самарқанд, вилояти Сурхан-Дарёи Узбекистонро дар бар мегирад.

**Меъёрҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад:**

1. Асосноккунии хусусиятҳои таърихӣ-этнографии хӯрокпазӣ ва таббохии халқи тоҷик.

2. Таҳлили маълумотҳои хаттӣ ва бостоншиносӣ ҳамчун сарчашмаҳои таърихи таббохии халқи тоҷик.

3. Таснифот ва мураттабсозии хӯрокҳои анъанавии тоҷикон аз рӯи намудҳои маҳсулот ва тарзи тайёр кардани онҳо оварда шудаанд.

4. Саҳеҳгардонии номгӯи намудҳои гуногуни анъанавии маҳсулоти таббохӣ, ҳамчун нишондоди таърихи қадимаи этникии тоҷикон.

5. Тадқиқи хусусиятҳои хӯроки ҳаррӯзаи халқи тоҷик.

6. Муайян кардани пайдоиш ва таърихи хӯроки миллии тоҷикон оши палав.

7.Муайян кардани хусусиятҳои хӯрокҳои маросимҳои синусолии тоҷикон.

8. Таҳқиқи қисмҳои таркибии хӯрокҳои маросимӣ ва идонаи тоҷикон.

9. Муайян кардани таркиби хӯрокҳои маросимӣ ва таҳлили маънои вожаҳои онҳо.

10. Таҳлили анъанаҳои хӯрокҳои маросимии тоҷикон ва рамзнокии онҳо, ки дар оинҳои қадимаи идҳои зироаткорони халқҳои Осиёи Марказӣ (Сада, Наврӯз ва Меҳргон) боқи мондаанд.

11. Муайян кардани таъсири фарҳанги таббохии халқи тоҷик ба услуби хӯрокаи халқиятҳои дигари Шарқи Миёна.

**Аҳамияти амалии кор** аз он иборат аст, ки:

1. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти ошхонаву тарабхонаҳои Тоҷикистон, дар эҳёи дастури таомҳои фаромӯшшуда истифода шаванд;
2. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар он дар асоси манобеи асримиёнагӣ 169 намуди шириниҳо зикр шудаанд, метавонанд дар эҳёи истеҳсоли шириниҳо дар корхонаи қаннодии «Ширин» истифода шаванд;
3. Натиҷаҳои пажӯҳишро дар таълифи асари муҳими «Китоб доир ба хӯрокҳои солими тоҷикон», ки ба он ҳар гуна дастури таомҳои суннатӣ ва муосири тоҷикон ворид мешаванд, метавон истифода бурд.
4. Маводи таҳқиқро дар тадриси курси махсус

доир ба таърихи таббохии тоҷикон дар муассисаҳои таълимӣ метавон ба кор бурд.

5. Дар мактабҳои олии дахлдор кушодани шӯъбаҳо барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи таббохии миллӣ ва ороиши дастурхони миллӣ, инчунин мутахассисони соҳаи хизматрасонии баландихтисос дар ресторанҳо.
6. Ташкил ва гузаронидани мусобиқаҳои ҳарсолаи ҷумҳуриявии «Беҳтарин ошпази миллӣ», «Беҳтарин ороишгари дастурхони миллӣ», «Омода намудани беҳтарин хӯроки миллӣ» ва ғ.

**Тасдиқи таҳқиқот** тавассути якчанд китобу мақолаҳо, гузоришҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, семинарҳои илмию назариявӣ сурат гирифтааст. Рисола дар ҷаласаи муштараки шуъбаи этнография бо шуъбаи таърихи қадима, асрҳои миёна ва навини Институти таърих, бостоншиносӣ ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва хуб арзёбӣ шуда, ба дифоъ тавсия гардидааст.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи манобеъ ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ РИСОЛА

Дар муқаддима интихоб ва муҳимияти мавзӯъ, меъёрҳои ибтидоӣ ва методии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо, таърихи омӯзиши мавзӯъ ва эътибори умумии сарчашмаҳо асоснок карда шудаанд.

**Боби якум – «Ҷанбаҳои манбаъшиносии мавзӯъ»** аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли нахуст – «**Манбаъҳои бостоншиносӣ ва хаттӣ дар бораи зироатҳои ғалладонаи Осиёи Марказӣ**» қайд карда шудааст, ки тоҷикон қадимтарин сокинони Осиёи Марказӣ ва бунёдгузори маданияти кишоварзӣ дар минтақа ба шумор меравconfigured. Ниёгони тоҷикон (бохтариҳо, марғиёниён, хоразмиён, суғдиён, сакоиҳо) ба маданияти таббохӣ низ дар минтақаи мазкур асос гузоштаанд.

Набототи Тоҷикистон, мувофиқи ақидаи академик Н.И. Вавилов, яке аз муҳимтарин маконҳои ҷаҳонии пайдоиши зироати ғалладона (лӯбиё, нахӯд, гандум, ҷав, наск, кунҷид,

арзан) ва боғдорӣ (бодом, анҷир, нок, олуча, себ, ангур ва ғ.) маҳсуб мешавад[1].

Асоси хӯрокҳои тоҷиконро ҳамавақт унсурҳои гиёҳӣ, маҳсулоти хамирӣ ва гӯштӣ: нон дар якҷоягӣ бо зироатҳои гуногуни лӯбиёӣ, инчунин маҳсулоти гӯштию ширӣ, махсусан дар навоҳии кӯҳӣ, ки чорводорӣ бештар рушд кардааст, ташкил медоданд.

Фасли дуюм – «**Сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ ва этнографӣ доир ба хӯрок ва таббохии тоҷикон**» ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ асос ёфтааст. Чунончи, Абӯалӣ ибни Сино хусусиятҳои табобатии хӯрокҳоро мутобиқи мизоҷи инсонҳо шарҳ додааст[2]. Рисолаҳои асримиёнагии «Канз-ул-иштиҳо»[3]-и Абӯисҳоқи Атъима ва «Кони лаззат ва хони неъмат»[4]-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ (а.XIX) барои омӯзиши маданияти таббохии тоҷикон асарҳои арзишманд ба шумор меравmember.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои мазкур санъати таббохии тоҷикон дар тӯли садсолаҳо ва ҳатто ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтааст. Бисёр таомҳо ва маҳсулоти таббохии тоҷикон баъдҳо ба халқҳои дигари Осиёи Марказӣ, Шарқи Дуру Наздик ва ҳамчунин ба халқҳои Қафқоз гузаштааст.

Бинобар ин, новобаста ба номукаммалӣ маводҳои таърихӣ, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба муаллиф имконият доданд, ки таърихи таббохии халқи тоҷик ва аҷдодонамонро аз рӯи ин сарчашмаҳо таҳқиқ намояд.

Боби дуюм «**Хӯрокҳои ҳаррӯзаи тоҷикон**» аз шаш фасл иборат аст. Дар фасли нахуст «**Нон ва анвои он. Хӯрокҳои хамирӣ**» таъкид шудааст, ки номи «нон» ва навъҳои он («нони чаппоти», «гирдача», «фатир», «кулча», «сатрии товагӣ» ва ғ.) аз

---

[1]Вавилов Н.И. Проблема происхождения культурных растений в современном понимании // Избранные труды.Т.2.М.-Л.1930.С.565;ҳамон. К познанию мягких пшениц /Труды по прикладной ботанике и селекции. Т.13.М.-Л. 1953; ҳамон. Культурная флора Таджикистана в её прошлом и будущем /Ибранные труды.Т.5.М.-Л.1965.

[2]Якубов Ю.Страницы из быта таджиков эпохи Абуали ибн Сино//Абуали ибн Сино и его эпоха.-Душанбе, 1980.-С.36-37; Абуали ибн Сино (Авиценна). Канон врачебной науки.Кн.1.Ташкент.1981.; Абуали ибн Сино. Трактат о гигиене. Избранные произведения. Ташкент.1982.С.90-97.

[3]Мирзоев А. Абуисхок. Душанбе.1971.148с.

[4]Неъматзода Т. Возех. Душанбе.1967.227с.

ҷиҳати пайдоиш ва этимология тоҷикӣ мебошанд. Дар замони имрӯза ҳамаи навъҳои нонро бо ҳамон усуле, ки дар асри XIV роиҷ буд, мепазанд. Танҳо миқдор ва намудҳои нон зиёд шудаанд.

Дар оғози асрҳои миёна ва шояд давраҳои қадимтар «дегдон», «оштон» ё «танӯр»[1] пайдо мешаванд, ки дар онҳо бешубҳа, навъҳои гуногуни нону кулча мепухтанд. Дар ёдгории хаттии ориёиҳо – Авесто калимаи *тонур* вомехӯрад, ки Е.Е. Кузмина ба тафсири Э. Херсфелд такя карда, бароmади онро ғайриэронӣ ва иқтибос аз забони шумерӣ тавассути аккадӣ ё сомӣ[2] меҳисобад. Аммо бостоншиноси маъруфи тоҷик Ю. Яъқубов бар асоси бозёфтҳои археологӣ, онро ихтирои тоҷикон шумурдааст[3].

Дар ошхонаи тоҷикон мавқеи махсусро таомҳои хамирӣ ишғол мекунад, аз ҷумла, «багро – бурак» («угро») ва навъҳои он, ки дар ҷомеаи тоҷикон дар асри XIV ба вуҷуд омадааст. Таомҳои «лағмон» ва «манту», ба эҳтимоли зиёд ба мо аз Чин ворид шудаанд.

Бисёр таомҳои имрӯзаи тоҷикон ҳамон таркибе, ки дар асрҳои миёна дошта буданд, то ҳол нигоҳ доштаанд. Вале навъҳои зиёди хӯрокҳо ва тарзи таҳияи онҳо аз байн рафтаанд. Аз ҷумла, 23 намуди «очор» (салат), шириниҳо ва ҳалво, ки аз онҳо

---

[1]Якубов Ю. Паргар в VI1-VIIIвв.н.э. Душанбе.1979.С.111-179; Якубов Ю. Раннесредневековые бытовые очаги из поселения Гардани Хисор //Жилища народов Средней Азии и Казахстана./ АН СССР, Ин-т этнографии им. Н.Н.Миклухо-Маклая.М. 1982.С.187-188; Якубов Ю. Тоҷикшинос.Душанбе, 1999.110с.

[2]Кузьмина Е.Е.Гончарное производство у племен Андроновской культурной общности. (об одном археологическом аспекте проблемы происхождения индоиранцев). // Восточный Туркестан и Средняя Азия в системе культур Древнего и Средневекового Востока /ред.Б. Литвинский. М.,1986.-С.174.

[3] Якубов Ю.Раннесредневековые бытовые очаги из поселения Гардани Хисор…С.111-121;Раннесредневековые сельские поселения горного Согда (К проблеме становления феодализма в Средней Азии):Дис…докт. ист наук /АН Тадж.ССР. Ин-т истории им.А.Дониша.Душанбе,1988.545с.; Культ огня в религии зороастризма и его отражение в археолигиских источниках Согда //Конференция «Реконструкция древних верований:источники, метод, цель»:Тез.докл.Л.1990.С.97-99.

169 намуди маҳсулот тайёр карда мешуданд. Дар шароити ҳозира ба речаи тоҷикон маҳсулоте чун шакар, қандҳо, кулчақанд, макаронҳои гуногун ва ғайра ворид шудаанд.

Фасли дуюм бо унвони «**Гӯшт ва таомҳои гӯштӣ**» ба таомҳои гӯштӣ бахшида шудааст, ки намунаи қадимтарини он *шӯрбо, обгӯшт, хомшӯрбо* ва чанде дигар мебошанд. Дар ошхонаи тоҷикон таомҳои сертаркиба зиёданд, ки аз миқдори зиёди маҳсулот ва зиравориҳо таркиб ёфтаанд. Аз ин сабаб дар вақти меҳмондорӣ, тӯй ва дигар маъракаҳо ду намуд ва ё аз ин бештар таом медоданд, аммо хӯрокҳоро дар фосилаи 1,5-2 соат мекашиданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ошхонаи миллии тоҷикӣ аз аввал системаи таомҳои якуму дуюм набудааст.

Ҳамчунин даҳҳо намуди таомҳои гӯштӣ – *кабобҳо: танӯркабоб, товакабоб, лӯлакабоб, кулчакабоб, кӯфтакабоб, мучакабоб* ва ғайра роиҷ буданд, ки аз гӯшти буққаю гӯсфанд дар сих, бе равған дар танӯр ва дар об пухта мешуданд. Баъзан онҳоро дар дегҳои калон бо иловаи чарбу, равған ва обу сабзавот мепухтанд, ки он мулоиму обдор (*«кабоби обдор»)* мегашт. Таҳлили маводи гирдоваришуда собит мекунанд, ки дар ошхонаи тоҷикон мафҳуми *«кабоб»* таърихан калимаи тоҷикӣ буда, маънои васеъ дорад ва эҷодкунандаи усулу дастурҳои кабобпазӣ аҷдоди тоҷикон ба шумор меравanд.

Даҳҳо навъи *қаля* – гӯшти бирёнӣ ё буғпаз мавҷуд будаанд, ки баъзе аз онҳо номҳои суғдии худро нигоҳ доштаанд – *қаляи сугдӣ, ашкбо* ва чанде дигар. Ҳарчанд ки аз ин навъҳо танҳо ду-се намуд боқӣ мондаанд, аммо имкон дорад, ки дастури таҳияи ин таомҳо барқарор карда шаванд.

Тоҷикон бисёр намудҳои *ҳасиб* доштанд, ки имрӯзҳо фаромӯш шудаанд. Ҳасиби *зичак* «армуғонӣ» аз гӯшти резаи меъдаи барраи ширхор бо роҳи бирён кардан дар равған ва иловаи ҷурғот таҳия мешуд. Аз рӯи одат, онро ба хешон ҳангоми баргузории маъракаҳои гуногун ҳамчун туҳфа медоданд. Таоми дигари қадима *кадак* мебошад, ки онро аз меъдаи барра бо иловаи биринҷ ва баъзе адвиёт дар танӯр мепухтанд. Таоми *кашкак* аз гӯшти барраи ширмаст бо изофаи афлесун ва дигар хушбӯйиҳо ба мисли сихкабоб пухта мешуд.

Дар китоби муаллифи асри XIX Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ даҳҳо намуди таом аз гӯшт ва лӯбиёиҳо – *ҳариса, кашкак, ҳалим* зикр шудаанд. Таоми миллии *ҳариса* ба монанди *кучрӣ* низ аз байн рафтааст, ки Абӯисҳоқи Атъима роҷеъ ба он достони калоне

эҷод карда буд. Дар достон ба маъмул будани он дар байни тоҷикон, ӯзбекҳо, эрониҳо ва ҳиндуҳо ишораҳо шудааст. Ҳоло онро танҳо дар хонаҳо тайёр мекунанд, на дар нуқтаҳои хӯрокхӯрии ҷамъиятӣ.

Дар фасли сеюм **«Палав ҳамчун таоми миллии тоҷикон ва хӯрокҳои дигари биринҷӣ»** таваҷҷуҳи зиёд ба таърихи пайдоиши палав равона шудааст. Ҳарчанд ки палав таоми маъруфи халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан, тоҷикону ӯзбекҳо мебошад, оид ба таърихи пайдоиш ва соҳибияти он масъалаҳои баҳснок вуҷуд доштанд[1]. Муаллиф дар асоси таҳлили маълумоти сарчашмаҳои асрҳои XIV-XV ва XIX – «Канз-ул-иштиҳо»[2]-и Абӯисҳоқи Атъима, «Кони лаззат ва хони неъмат»[3]-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ ва инчунин маводи зиёди этнографӣ исбот кардааст, ки палав таоми миллии тоҷикон мебошад.

Абӯисҳоқи Атъима дар «Канз-ул-иштиҳо» ва Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳи Бухороӣ дар «Кони лаззат ва хони неъмат» дар асоси омӯзиши бисёр манбаъҳои асримиёнагӣ дар бораи палав маълумоти ҷолиб додаанд, махсусан, «Музаъфар-палав», ки шоҳи таомҳо шуморида шудааст. Дар ин асарҳо оид ба усулҳои пухтани 227-228 намуди ош, яъне таом, иттилоъ дода шудаанд, ки аксари онҳо оши палав мебошанд.

Этнографи туркман М.С. Бердиев дар асоси таҳлили ҳаматарафаи маълумотҳо дар бораи ин таом, аз ҷумла маводи чопкардаи А. Вамбери[4], ба хулоса омадааст, ки палави осиёимиёнагӣ метавонад танҳо ба халқҳои эронизабони Мовароуннаҳр, яъне тоҷикон тааллуқ дошта бошад[5].

Дар фасли **«Маҳсулоти ширӣ»** қайд шудааст, ки истеъмоли ин гуна таомҳо маъмулан хоси тоҷикони кӯҳистон мебошад, зеро онҳо дар баробари корҳои кишоварзӣ ба парвариши чорвои хурд ва калони шохдор машғул мебошанд. Аз маҳсулоти ширӣ бештар хӯрокҳои миллии *курутоб, шакароб, ширбиринч, ширкаду* ва намудҳои дигарӣ таомҳо тайёр карда мешаванд.

Дар фасли **«Сабзавот, меваҳо ва растаниҳои кӯҳӣ»** таъкид шудааст, ки сабзавот, меваҳо ва растаниҳои кӯҳӣ дар системаи

---

[1]Бердиев М.С. Происхождение и распространение плова …С.89.
[2]Абуисхок Атьима. Девон. Книга 1-2.Чорджу,1304х.
[3]Возех Кори Рахматулло. Кони лаззат ва хони неъмат. Бухара,1880-1881.
[4]Вамбери А. Пища и напитки, которые мне случалось видеть на магометанском Востоке…
[5]Бердиев М.С. Происхождение и распространение плова…С.165

хӯрокии тоҷикон нақши муҳим доранд. Аз онҳо бештар шӯрбоҳои сабзавотии *пиёба* ё *обчӯшак* мепухтанд, ки аз даврони қадим маъмул буд[1]. Барои зимистон аз тут ё ангур *ширинӣ* омода мекарданд, дар навоҳии Бадахшони Кӯҳӣ ҳалвои *тутпист*, тутмавиз, анҷири хушк (Дарвоз) ва навъҳои гуногуни ҳалво таҳия менамуданд.

Дар айёми баҳор ба реҷаи хӯрокии тоҷикон растаниҳои гуногуни баҳорӣ дохил мешуданд, ки қисме аз онҳоро дар шакли тару тоза, қисми дигарро ҷӯшонида истеъмол карда, инчунин ба сифати адвия ба таомҳо меандохтанд[2].

Дар фасли **«Нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ва шароб»** зикр шудааст, ки нӯшокии аз ҳама серистеъмол дар байни тоҷикон *чойи кабуд* ё *чойи фомилӣ* мебошад. Дар навоҳии кӯҳистон ба ҷойи он алафҳои кӯҳиро чой карда менӯшиданд. Даҳҳо намуди шарбатҳои анъанавӣ, *шира* (шаҳд), *арақгула* (нақеъи гулҳо бо асал, қанд ва шаҳди мевагӣ), *гулоб*, *дӯшоб* (обмева) маъмул буданд.

Дар ҳуҷҷатҳои суғдӣ, ки аз Панҷакент ёфт шудаанд, ишора мешавад, ки дар дарбори Деваштич ҳар рӯз ҳоким ва меҳмонони ӯ тақрибан 3 литр шаробҳои гуногуннавъи муҳлати нигаҳдориашон беш аз 1000-рӯзаро менӯшиданд[3].

Дар Суғд ва Устурушан вазифаи махсусе барои сардори соқиён – *набизпанд, мазулпад* муқаррар шуда буд, ки аз нақши шароб дар ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна то омадани ислом шаҳодат медиҳад.

Рафти таҳқиқи масоили номбурда муаллиф ба хулоса омад, ки халқи тоҷик дорои тартиби гуногун ва бою ғании истеъмоли хӯрок ҳаст, ки арзишҳои он то ба имрӯз омадаанд.

Боби сеюми рисола **«Хӯрокҳои идона ва маросимии тоҷикон»** аз 6 фасл иборат мебошад.

Дар фасли аввал **«Дастархонҳои идона ва барои меҳмонон»** қайд гардидааст, ки тоҷикон ба муносибати ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада ва идҳои динии Рамазону Қурбон дастархонҳои идона мекушоянд. Одатан ба дастархонҳои идона ва барои

---

[1] Писарчик А.К. Кулябская этнографическая экспедиция 1948г. //Изв. ТФАН СССР.1949 .№15.С. 85-97.

[2] Шовалиева М. Сопоставительный анализ устных и научных сведений об использовании весенних лечебных трав в пище таджиков /Дар маҷ. «Известия ТНУ».№3.2016.С.71-76

[3]Якубов Ю. Паргар в VI1-VIII вв.н.э. Душанбе,1979.-С.51;

меҳмонон кулча ва ширинихо мегузоранд, ки рамзи хурсандӣ ва муваффақият ба шумор меравад. Дар идҳои динии Рамазон ва Қурбон тоҷикон, ба мисли дигар мусулмонони ҷаҳон хотираи гузаштагонро пос медоранд ва ба ин муносибат хӯроки маросимии «тарҳалво» тайёр карда, дар равған порчаҳои хамирро бирён намуда, «бӯй» мебароранд, ки он «ғизои арвоҳ» маҳсуб мешавад.

Дар фасли дуюм **«Хӯрокҳои тӯёна»** собит гардидааст, ки дар ҳар марҳилаи тӯйи арӯсӣ хӯрокҳо нақши «хос»-ро иҷро мекунанд ва мазмунҳои рамзӣ доранд. Чунончи, расми «ноншиканон» мазмуни ҳуқуқӣ дошта, баъди он тарафҳо ба тӯй омодагӣ мегирифтанд, маросими «ордбезон» нишонаи сафедӣ ба шумор рафта, то рӯзи тӯй дар хонаи домод гузаронида мешуд[1], дар паси *чимилиқ* ё *чодар* ба домани арӯс андохтани тухм рамзи серфарзандии навоилаҳоро ифода мекард. Ба сари ҷавонон пошидани хушкмеваҳо, тангаву қандҳо орзуи серию пурӣ ва аз косаи қандоб нӯшидан рамзи ширинии ҳаётро дошт[2].

Фасли сеюм **«Хӯрокҳои маросими дафну азодорӣ»** унвон дошта, ба нақши хӯрок дар маросими мотам ва баррасии рамзҳои он бахшида шудааст. Дар давоми се рӯзи баъди дафн дар хонаи азодор хӯрок пухтан мамнӯъ буд, хӯрокро фақат ҳамсояҳо меоварданд, зеро пухтани таом дар чунин хона дар рӯзҳои азодорӣ «ҳаром» шуморида мешуд. То гузаштани як сол ба хонаи азодор нонро бо шумораи тоқ меоварданд, аммо дар маросими сол нонро ба ҳисоби ҷуфт меоварданд, ки гӯё, марҳум оромиши худро ёфтааст[3].

---

[1]Кисляков Н.А.Семья и брак у таджиков (по материалам конца XIX-начала XXвв)//Тр. Ин-та этногр.им.Н.Н.Миклухо-Маклая.-Нов.сер.-Т.44.М.-Л.-1959; ҳамон. Некоторые брачные церемонии у народов Средней Азии и проблемы материнского рода.М.1964; Мадамиджанова З. Этнокультурный взгляд на наследие таджиков. //В кн.:: Центральная Азия: собственный взгляд. Бишкек,2006.-С.253;Нурджанов Н.Х.Традиционный театр таджиков.Т.1, Душанбе,2002.-С.82;Шовалиева М.Знаковая символика пищи в свадебных обрядах //Изв.АН РТ.Отд-е обществ. наук.Душанбе.2009.№4.

[2] Шовалиева М.Знаковая символика пищи в свадебных обрядах //Изв.АН РТ.Отд-е обществ. наук.Душанбе.-2009.-№4.

[3]Рахимов М.Р.Обычаи и обряды, связанные со смертью и похоронами у таджиков Кулябской области//Известия АН Тадж.ССР, Отд-е обществ.наук.Вып.3.1953.С.124; МардоноваА. Традиционные похоронно-поминальные обряды таджиков Гиссарской долины (конца

Дар шароити имрӯза, ба хотири пешгирӣ аз харҷҳои калон Ҳукумати кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[1] қабул кардааст, ки акнун тӯю маъракаҳо дар чорчӯбаи қонуни мазкур ва бештар дар ҳалқаи оилавӣ баргузор мешаванд.

Дар фасли **«Хӯрокҳои маросимии марбут ба таваллуд»** маросиму зиёфатҳои *гаҳворабандон, дандонбуророн, мӯйсаргирон, побуророн*[2] ва чанде дигар мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар расму одатҳои марбут ба таваллуди навзод хӯрокҳои гармmизоҷ мепухтанд. Дар маросимҳои то яксолагии тифл хӯрокҳо мазмунҳои рамзӣ дошта, бо мақсади бедард дандон баровардан, сабукиҳо дар қадамҳои нахустини тифл ва ғайра таҳия мешуданд.

Фасли панҷум **«Хӯрокҳо дар маросимҳои доираи синнусолӣ»** ба маросимҳои доираи синнусолӣ – *тӯйи хатна* ва *мулҷардароён* бахшида шудааст, ки гузариш аз як гурӯҳи синнусолӣ ба дигарашро ифода мекунанд. Хӯрокҳои асосии маросимҳои

---

Х1Х-начала ХХвв.).Душанбе,1998.-223с.; Шовалиева М. «Роль культурного наследия в формировании национального самосознания(на примере поминальной пищи таджиков).//Дар маҷ. «Известия Института философии, политологии и права им.А.Баховаддинова АН РТ.-№3.2017.С.73-82.

[1] Дар замони ҳозира ҳамаи расму русуми оилавии тоҷикон аз рӯи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»» аз 8 июни соли 2007 ба танзим дароварда шудаанд.

[2]Троицкая А.Л.Рождение и первые годы жизни ребенка у таджиков долины Зеравшана //Советская этнография.1935,№6. С.109-135;ҳамон, Некоторые старинные обычаи, обряды и поверья таджиков долины Верхнего Зеравшана//СЭС.Л.,1971.Т.3. С.242; Бакиева М. Рождение ребенка в долине Зеравшана /Тез.докл.молод.учен. АН Тадж.ССР. Душанбе, 1982. С.13; Мардонова А. Обычаи и обряды детского цикла у таджиков Верховьев Зеравшана в прошлом и настоящем // Советская этнография.1984.№3.С.120-128;Шовалиева М.Обрядовая пища при магических действиях, направленных на сохранение жизни ребенка у дарвазских переселенцев //Материалы по истории таджикского народа.-Ленинабад,1989.С.32-34; ҳамон, Этнические традиции в молочной пище таджиков Дарваза //Тез. докл. молод. ученых АН Тадж.ССР.Душанбе,1989.С.15; ҳамон, О некоторых обычаях и поверьях, связанныз с рождением ребенка в долине Зеравшана//Дар маҷ. Известия Акад. наук РТ, Отд-е обществ. наук.2005.№3.С.69-77 ва ғ.

мазкур *оши угро,* бо мақсади «умри дароз дидан» ва палави анъанавӣ мебошанд. Нону кулча нақши «муҳофиз» аз қувваҳои зиёнрасонро иҷро карда, пошидани қанду шириниҳо бар сари наврас нишонаи ҳаёти ширин, покию озодагӣ, сарватмандӣ ва оши бурида рамзи дарозумриро таҷассум менамуданд[1].

Фасли шашуми рисола **«Хӯрок дар ҷашнҳои кишоварзӣ: Сада, Наврӯз, Меҳргон»** ном дорад. Ҷашнҳои мазкур тақвимӣ буда, хӯрокҳо дар онҳо бо рамзиёти хос ворид шудаанд. Дар ҷашни Сада се рӯз паиҳам мардҳо ба масҷид таоми худоӣ – *ширрӯган*, нонҳои чаппотӣ, шӯрбо аз гӯшти моли махсус барои ин маросим забҳшуда меоварданд ва ҳама якҷоя онҳоро тановул карда, ба рақсу бозӣ ва сурудхонӣ машғул мешуданд. Мазмуни маросим аз он иборат буд, ки рӯзҳои сармо зудтар сипарӣ шаванду баҳори гарм фаро расад[2]. Дар ҷашни Наврӯз, ки акнун иди байналмилалӣ шудааст, дар хӯрокҳо, асосан, лӯбиёиҳо, гандум ва гиёҳҳоро истифода мебурданд. Аз онҳо суманак – ҳалво аз ширaи майсаҳои гандум, гандумкӯча аз ҳафт намуди лӯбиёиҳо тайёр карда, дар рӯйи дастархон хӯрданиҳои бирёнӣ аз растаниҳои баҳорӣ,  инчунин «ҳафт син» ва «ҳафт «шин» мегузоштанд. Дар Меҳргон таоми *равғанҷӯшӣ* мепухтанд, ки аз нонҳои гарми резакардашуда бо равғани маска ва шир омода мешуд. Намоиши маҳсулоти беҳтарини деҳқонию боғдорӣ, аз ҷумла, сабзавоту меваҳо баргузор мегашт. Ҳамаи ҷашнҳои мазкур ба ақидаи эҳёи табиат марбут буда, решаҳои он ба тасаввуроти қадимтарин оид ба фавт ва зиндашавии худои наботот рафта мерасад, ки барои халқҳои кишоварзи Шарқи бостон хос будааст.

---

[1]Нурджанов Н.Х. Свадьба. //Дар кит.:Таджики Каратегина и Дарваза. Вып.3.Душанбе.1976.С.182;Шовалиева М.Обряды переходного возраста у таджиков //Дар маҷ. «Известия АН РТ,Отд-е обществ-х наук.2007.№2.С.36-42;ҳамон,Знаковая символика пищи в свадебных обрядах //Дар маҷ.«Известия АН РТ» Отд-е обществ-х наук.Душанбе.2009.№4.С.12-17; ҳамон.Современный обряд мулчар у таджиков Бухары и ирани Кагана. //Актуальные вопросы гуманитарных наук на современном этапе.Душанбе,1987.С.30-35.

[2]Нурджанов Н.Х. Традиционный театр таджиков.С.82; Мадамиджанова З.М. Фасонахои Наврузи// «Чумхурият»,20 марти 2007с..№35(21242); ҳамон. Мифы и легенды о Наврузе у таджиков./ «События».Мар. 2009г.; Шовалиева М. Общественная трапеза таджиков как реликт общественных отношений и прочных семейно-родственных связей//Дар маҷ. «Мероси ниёгон»-«Наследие предков».2001.№5.С.133.

Дар асоси таҳлили семантикии хӯрокҳои маросимии тоҷикон, муаллиф ба хулоса омадааст, ки одатҳое бо фарҳанги таббохии тоҷикон вобастаанд, ифодакунандаи дар як вақт маҷмӯъи олами ботинии инсон ва тасаввуроти ахлоқие ки маънои гуманитарӣ доштаанд, будаанд.

**Дар анҷом** дар асоси маводи этнографии гирдоваришуда, адабиёти марбут ба маданияти таббохии тоҷикон ва таҳқиқи сарчашмаҳо аз ҷониби муаллиф чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

Мувофиқи маълумоти археологӣ, дар асри биринҷӣ бисёр навъҳои зарф пайдо шуда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар он давра одамон пухтани шавла ва шӯрбоҳои гӯштиро бо навъҳои гуногуни ғалла ёд гирифта будаанд.

Таҳқиқи маданияти таббохӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ ба чунин натиҷа меорад, ки аҷдоди тоҷикони имрӯза ихтироъкунанда ва эҷодкунандагони дастурҳо ва номҳои гуногуни маҳсулоти нонӣ, таомҳое чун *багро, палав, кабобҳо, ҳалво, қанд, шарбатҳо, нақеъи гиёҳӣ, нӯшобаҳо, шираву шаҳд, очор* ва *хӯришҳо* будаанд.

Намудҳои зиёди хӯрокҳо ва маҳсулот дар маросимҳо рамзу нишонаҳои махсусро ифода мекардаанд.

Маданияти таббохӣ ва системаи хӯрокҳои анъанавии тоҷикон кӯҳнапарсатона набуда, мисли дигар халқҳо он ба пояҳои миллӣ асос ёфтааст. Унсурҳои аз берун воридшуда ба меъёрҳои системаи этникии хӯроки тоҷикон омезиш ёфта тобеъ гардидаанд. Хусусиятҳои хоси маданияти таббохӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии маданияти этникии тоҷикон ба шумор мераванд.

Муаллиф тавсия менамояд, ки вобаста ба эълон гардидани соли 2018 ҳамчун соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», ва инчунин дар асоси баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат санаи 19 марти соли 2018 барои ташаккули таббохии миллӣ ва зиёд намудани навъҳои гуногуни хӯрокҳои миллӣ, дар баланбардории сатҳи хизматрасонии соҳаи туризм диққати махсус дода шавад.

Барои ривоҷу равнақи соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурӣ ва барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси ин соҳа ва инчунин мутахасисиони соҳаи таббохӣ ва соҳаи ороиши дастурхони миллӣ бояд шуъбаҳои махсус дар назди мактабҳои олӣ таъсис дода

шаванд.

**Мазмуни асосии кори диссертатсионӣ дар китобу мақолаҳои зерини чопкардаи муаллиф инъикос шудаанд:**

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии ба қайд гирифташуда ба табъ расидаанд:**

1. Шовалиева М. О некоторых обычаях и поверьях, связанных с рождением ребенка в долине Зеравшана //Известия АН РТ, Отд-е Обществ-х наук. 2005.№3.-С.69-77.
2. Шовалиева М. Обряды переходного возраста у таджиков //Известия АН РТ, Отд-е Обществ-х наук. 2007.№2. -С.36-42.
3. Шовалиева М. Знаковая символика пищи таджиков в свадебных обрядах//Известия Академии Наук Республики Таджикистан. Отд-е обществ.наук. Душанбе, 2009.-С.12-17.
4. Шовалиева М. Сопоставительный анализ устных и научных сведений об использовании весенних лечебных трав в пище таджиков// «Известия Таджикского Национального Университета».№3-5(208),2016.- С.71-76.
5. Шовалиева М. «Письменные памятники как источник по изучению истории кулинарной культуры таджикского народа» //В научно - теоретическом журнале «Известия ТГУПБП»- Хучандский Университета права, бизнеса и политики, Отд-е гуманит.наук.2017. №2(71).-С.51-58.
6. Шовалиева М. «Роль культурного наследия в формировании национального самосознания (на примере поминальной пищи таджиков) // Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова АН РТ.№3.2017.-С.73-82.

***Монография:***

7. Шовалиева М. История кулинарной культуры таджикского народа. -Душанбе: Дониш, 2015. -168с.

***Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:***

8. Бакиева М. /Шовалиева/. Рождение ребенка в долине Зеравшана // Тез. докл.молодых ученых АН Тадж. ССР.-Душанбе, Дониш,1982 .-С.13-14.
9. Шовалиева М. Обрядовая пища при магических

действиях, направленных на сохранение жизни ребенка у дарвазских переселенцев // Материалы по истории таджикского народа. –Ленинабад, 1989.-С. 32-34.

10. Шовалиева М. Современный обряд «мулчар» у таджиков Бухары и ирани Кагана //Актуальные вопросы гуманит-х наук на совр. этапе /Философия, история, право/. Душанбе: Дониш, 1987.-С.30-37.

11. Шовалиева М. Этнические традиции в молочной пище таджиков Дарваза //Тезисы докладов молодых ученых.-Душанбе, 1989.-С.15-16.

12. Шовалиева М. Общественная трапеза таджиков как реликт общественных отношений и прочных семейно-родственных связей // Дар маҷ. «Мероси ниёгон» - «Наследие предков».2001. №6.-С.133-137.

13. Шовалиева М. Гостевой этикет у таджиков//Дар маҷ. «Мероси ниегон» - «Наследие предков»..2007.№10.-С.140-147.

14. Шовалиева М. Традиции в питании таджиков // «Мероси ниёгон» - «Наследие предков». 2014.№17.-С.105-111.

15. Традиционная пища таджиков мирового праздника Навруз// Материалы Международной научно-теоретической конференции «Развитие исторических и общественных наук в период независимости Таджикистана» посвященной 70-летию победы в Великой Отечественной войне (17-18апреля 2015г. г.Курган-Тюбе).- Душанбе.Ирфон. 2015.-С.144-145.

16. Шовалиева М. Употребление в пищу таджиками некоторых весенних трав в лечебных целях // Дар маҷ. «Муаррих» - «Историк».2015. №1.-С.103-113.

17. Шовалиева М. «Плов-национальное блюдо таджиков». //Дар маҷ.«Муаррих».- «Историк». 2015.№2.-С.97-105.

18. Шовалиева М. Знаковая символика похоронно-поминальной пищи таджиков // Дар маҷ. «Муаррих» -«Историк». 2015.№3-С.110-118.

# ФИШУРДА
## ба автореферати диссертатсияи Шовалиева М.С. дар мавзӯи «Таърихи фарҳанги таббохии халқи тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00. 07 – Мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология

Рисолаи мазкур - нахустин таҳқиқот оид ба таърихи фарҳанги таббохии халқи тоҷик буда, дар асоси сарчашмаҳои бостоншиносӣ, хаттии асримиёнагӣ ва дигар адабиётҳои таърихиву мардумшиносӣ ва инчунин маводҳои ҷамъовардаи мардумшиносии муаллиф, ки дар тӯли зиёда аз 30 соли фаъолияташ дар экспедитсияҳои мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъовардааш ба шумор меравад. Дар диссертатсия, дар асоси вориди нахустини илмии сарчашмаҳои асримёнагӣ оиди фарҳанги таббохии халқи тоҷик, ки дар адбиётҳои таърихӣ ва этнографии чопшуда инъикос наёфтаанд, ва инчунин аз маводҳои дақиқи саҳроӣ, кӯшиши муайян намудани хусусиятҳои умумӣ ва хос дар рушди фарҳанги таббохии халқи тоҷик, оварда шудааст.

Хулоса ва маводҳои рисоларо дар таҳқиқотҳои минбаъдаи соҳаи омӯзиши таърихи фарҳанги таббохии тоҷикон, инчунин дар таҳияи баъзе саволҳои назариявӣ оид ба таърихи фарҳанги таббохии тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Марказӣ кор фармудан мумкин аст. Ин кор арзиши амалӣ низ дорад. Натиҷаҳои тадқиқотро метавонанд дар тарабхонаҳо ва ошхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонанд ва таомҳои фаромӯшшудаи хеле болаззату фоиданокро барқарор намоянд, аз ҷумла дар корхонаи қаннодии «Ширин» бо мақсади барқарор намудан ва истеҳсоли ширинихои фаромӯшшуда истифода баранд. Зеро дар сарчашмаҳо дар бораи 169 навъи ҳалво, ки аз маҳсулоти маҳаллӣ: биринҷ, орд, кунҷид, писта, чормағз, бодом, асал ва неъматҳои дигар таҳия карда мешаванд, маълумотҳо дода шудаанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи фарҳанги таббохии халқи тоҷик бо мақсади бою ғанӣ кардани таомҳои муосири халқи тоҷик хеле муҳим мебошад.

**Калидвожаҳо**: сарчашмаҳои бостоншиносӣ, таърих, фарҳанги таббохӣ, хӯрок, сарчашмаҳои хаттӣ, мардумшиносӣ, экспедитсия.

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Шовалиевой М.С. на тему «История кулинарной культуры таджикского народа» на соискание учёной степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.07 – Этнография, этнология и антропология**

Предлагаемая диссертационная работа является первым исследованием по истории кулинарной культуры таджикского народа и написана на основе археологических, письменных средневековых источников и полевых этнографических материалов автора, собранных ею в течении более 30-ти лет в экспедициях Института истории, археологии и этнографии им.А.Дониша Академии наук Республики Таджикистан. А также другой исторической и этнографической литературы. В ней на основании некоторых впервые вводимых в науку средневековых источников по вопросам кулинарии, ранее не получивших отражения как в исторической, так и в этнографической литературе, а также углубленных полевых исследований, делается попытка выявить общие и особенные черты в развитии кулинарной культуры таджикского народа.

Выводы и материалы диссертации могут быть использованы в дальнейших исследованиях в области изучения истории пищи таджиков, а также при разработке некоторых теоретических вопросов по истории кулинарной культуры таджиков и других народов Средней Азии. Работа имеет также и практическое значение. Результаты исследования могут быть применены в ресторанах и столовых, кулинариях Республики Таджикистан, поскольку можно восстановить эти забытые, очень полезные вкусные блюда, а также на кондитерской фабрике «Ширин» для изготовления давно позабытых сладостей, поскольку с источниках упоминается около 169 видов халвы, причем почти все виды можно готовить из местного сырья: риса, муки, кунджита, фисташки, ореха, миндаля, мёда и других компонентов.

Поэтому исследование истории блюд и кулинарных изделий таджиков имеет большое значение для обогащения современной кухни таджикского народа.

**Ключевые слова**: археологические источники, история, кулинарная культура, пища, письменные источники, этнография, экспедиции.

## ANNOTATION
**on the author›s abstract of the dissertation Shovalieva M.S. on the theme «The History of the culinary culture of the Tajik people» for the degree of Candidate of Historical Sciences in specialty 07.00.07 – Ethnography, ethnology and anthropology**

The proposed thesis work is the first study on the history of culinary culture of the Tajik people and is written on the basis of archaeological, written medieval sources and field ethnographic materials of the author, collected in for more than 30 years in the expeditions of the Institute of History, archaeology and ethnography of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, as well as other historical and ethnographic literature. In it, on the basis of some of the first medieval sources in the science of cooking, previously not reflected in both historical and ethnographic literature, as well as in-depth field studies, an attempt is made to identify general and special features in the development of culinary culture of the Tajik people.

Conclusions and materials of the dissertation can be used in further research in the field of studying the history of Tajik food, as well as in the development of some theoretical questions on the history of culinary culture of Tajiks and other peoples of Central Asia. The work is also of practical importance. The results of the research can be applied in restaurants and canteens, cookery of the Republic of Tajikistan, as it is possible to restore these forgotten, very useful tasty dishes, and also at confectitory factory "Shirin" for manufacture of long-forgotten sweets, since the sources mention about 169 kinds of halva, and almost all kinds can be prepared from local raw materials: rice, flour, kundzhit, pistachio, walnut, almonds, honey and other components.

Therefore, the study of the history of dishes and culinary culture of Tajiks is of great importance for the enrichment of modern cuisine of Tajik people.

**Keywords**: archaeological sources, history, culinary culture, food, medieval sources, ethnography, expeditions.